# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МАРКАЗИ МАТБУОТ

# МАЪЛУМОТ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023

(ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ)

**ДУШАНБЕ**
**01.08.2023**

# МАЪЛУМОТ
# ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023

Пешвои миллат зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 23 декабри соли 2022 ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдоштаро сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ маънидод намуда, зикр доштанд, ки маҳз ба ҳамин хотир, дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтар барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор рафта, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ роҳандозӣ мешавад.

Боиси сарфарозист, ки аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои соҳаи маориф, илм ва стипендияҳо 20% зиёд карда шуд.

Хурсандиовар аст, ки бори аввал ду сол пайи ҳам музди меҳнат ба андозаи 20% зиёд шуда истодааст ва ин бори дигар аз таваҷҷуҳу ғамхории Президенти маҳбуби кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад.

Ин дастури Пешвои миллат мо, маорифчиён ва аҳли илмро водор месозад, ки бо масъулияти баланд пайваста дар баланд бардоштани маърифати хонандагону донишҷӯён, беҳтар намудани раванди таълиму тарбия ва мустаҳкам намудани шароити моддиву техникии муассисаҳои таълимии кишвар бештару пештар корбарӣ намоем.

*****

Рушди устувор ва самаранокии ислоҳоти соҳаи маориф аз афзоиши маблағгузорӣ вобастагӣ дорад. Соли 2023 барои соҳаи маориф 7 млр. 210 млн. 355 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2022 13% зиёд буда, 5,7%-и Маҷмуи Маҳсулоти Дохила ва 18,9%-и Буҷети давлатиро дар бар мегирад.

Дар соли 2023 аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои барномаҳои давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои солҳои 2020-2025, дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025, такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 маблағи 32 миллиону 954 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022 "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағи 5 млн 474 ҳазор сомонӣ барои ғизои мактабӣ ба 43 муассисаҳои таҳсилоти умумии пилотӣ воқеъ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла 17 муассиса дар вилояти Хатлон 10 муассиса дар НТМ, 12 дар вилояти Суғд ва 4 муассиса дар ноҳияҳои ВМКБ ҷудо карда шуд.




*****

Дар соли 2023 дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 312 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 68138 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин давра, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 30 муасисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муасисаҳои

таълимӣ барои 8632 ҷойи нишаст дар як баст сохта ба истифода дода шуд.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳои ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳдаи Вазорати маориф ва илм сохтмони 16 иншоот вогузор гардидааст. То ин давра, аз ин шумора дар 5 иншоот корҳои сохтмонӣ ба анҷом расида, мавриди истифода қарор дода шуда, дар 10 иншооти дигар корҳои сохтмонӣ идома дошта, лоиҳакашии 1 иншоот соли равон ба нақша гирифта шудааст.

**НАҚШАИ СОХТМОНИ ИНШООТИ СОҲАИ МАОРИФ, КИ (МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ НАВ, СОХТМОНУ БАРҚАРОРСОЗИИ БИНОИ ИЛОВАГӢ ДАР НАЗДИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ) АЗ ҲИСОБИ ҲАМАИ МАНБАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРӢ ДАР СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.**

| № р/п | Манбаи маблағгузорӣ | Шумора | Миқдори синфхона | Ҷойи нишаст |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ВМКБ | 6 | 90 | 2 240 |
| 2 | Вилояти Хатлон | 172 | 1 337 | 32 356 |
| 3 | Вилояти Суғд | 58 | 469 | 13 096 |
| 5 | Шаҳри Душанбе | 7 | 279 | 6 146 |
| 4 | НТҶ | 69 | 596 | 14 300 |
| | **Ҳамагӣ** | **312** | **2 771** | **68 138** |

*****

Таҳсилоти томактабӣ дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, теъдоди муассисаҳои томактабӣ дар давраи ҳисоботӣ ба 707 расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11 адад зиёд мебошад.

Теъдоди муассисаҳо дар ВМКБ 26 адад, Суғд 277 адад, Хатлон 162 адад, шаҳри Душанбе 161 адад ва НТҶ 81 ададро ташкил медиҳад.

Бо мақсади фарогирии бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 2111 маркази инкишофи кӯдак бо фарогириии 68891 кӯдак таъсис дода шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2022 301 марказ ва 17626 кӯдак зиёд мебошад.

Ҳамзамон дар ҷумҳурӣ 139 муассисаи томактабии хусусӣ ва 16 маркази хусусии инкишофи кӯдак фаъолият мекунанд.

Дар маҷмӯъ фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабӣ 171416 нафар ё 16%-ро ташкил медиҳад.

Дар ин давра 1757 нафар мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ аз такмили ихтисос гузаронида шуданд.




*****

Соли таҳсили 2022-2023 теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3967 ададро ташкил медиҳад. Муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ 301, муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ 431 ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ 3235 ададро ташкил медиҳад. Теъдоди муассисаҳои типи нав 159 адад буда, аз ҷумла 76 гимназия ва 83 литсей ба қайд гирифта шудааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли таҳсили 2021-2022 27 муассисаи таҳсилоти умумӣ зиёд шудааст.



Шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 126 354 нафар, аз ҷумла 81 822 нафар занро ташкил медиҳад.

Дар ин давра Тартиби ташкили таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби эътироф ва муайян намудани баробарарзишии ҳуҷҷатҳои таҳсилоти умумӣ дар хориҷи кишвар таҳия ва тасдиқ карда шуданд.

Шумораи умумии хонандагон бошад 2 232 114 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 1 079 197 нафар духтарон мебошанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар сифати таҳсилот ба 51,3% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба 99,8 % баробар мебошад. Дар муқоиса бо чоряки чоруми соли таҳсили 2021-2022 сифати таҳсилот 0,2 % ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ низ 0,2 % баланд гардидааст.

## СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

**НАТИҶАИ ҶАМЪБАСТИ ЧОРЯКИ ЧОРУМИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2022-2023 ДАР МУҚОИСА БО СОЛИ ТАҲСИЛИ 2021-2022 ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРӢ**

| Чорякҳои чоруми соли таҳсил | Иштирок намуд (синфҳои 2-11) | Баҳо | | | | Сифати таҳсилот | Азхудкунии барномаҳои таълимӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 5 | 4 | 3 | 2 | | |
| **Соли таҳсили 2021-2022** | 1884844 | 239224 | 723085 | 913762 | 5814 | 51,1 | 99,6 |
| **Соли таҳсили 2022-2023** | 1931492 | 244919 | 746505 | 936346 | 3722 | 51,3 | 99,8 |

**Эзоҳ: Дар асоси пешниҳоди маълумот аз Сарраёсат, раёсат, шуъба ва бахшҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ чоряки чоруми соли таҳсили 2022-2023 ҷамъбаст ва таҳлил карда шуд, ки сифати таҳсилот ба 51,3% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба 99,8 % баробар мебошад. Дар муқоиса бо чоряки чоруми соли таҳсили 2021-2022 сифати таҳсилот 0,2 % ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ низ 0,2 % баланд гардидааст.**

*****

Имсол низ таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор гардида истодааст.

Дар даври дуюми озмун 47 ҳазору 51 нафар, аз ҷумла аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1482 нафар, шаҳри Душанбе 4904 нафар, вилояти Суғд 19042 нафар, вилояти Хатлон

11186 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 10437 иштирок намуданд, ки ин шумора нисбат ба соли гузашта 9192 нафар зиёд аст.

Аз шумораи умумии довталабон 3506 нафар, аз ҷумла, аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 278 нафар, шаҳри Душанбе 405 нафар, вилояти Суғд 1146 нафар, вилояти Хатлон 1170 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 507 нафар ба даври сеюм роҳхат гирифтанд.

**ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ
«ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»**

| № | Вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Шумораи умумии иштирокчиён дар даври дуюм | Аз ҷумла зан/духтар | Ба даври сеюм роҳхат гирифтанд | Аз ҷумла зан/духтар |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Хатлон | 11186 | 7266 | 1170 | 876 |
| 2. | Суғд | 19042 | 12151 | 1146 | 834 |
| 3. | Душанбе | 4904 | 2872 | 405 | 176 |
| 4. | ВМКБ | 1482 | 1023 | 278 | 229 |
| 5. | НТҶ | 10437 | 7923 | 507 | 362 |
| | Ҷамъ: | 47051 | 31235 | 3506 | 2477 |

*****

Дар доираи эълон шудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар ҷумҳурӣ 24 олимпиадаи фаннӣ баргузор гардид.

Дар маҷмуъ, ҷамъбаст ва натиҷагирии даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннии хонандагони синфҳои 5-11-и муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар соли 2023 нишон дод, ки дар ин мусобиқаҳои илмӣ 8244 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ, аз ҷумла 3927 нафар аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 4317 нафар аз муассисаҳои таълимии типи нав (мактабҳои Президентӣ, литсей ва гимназияҳо) иштироки фаъолона намуданд, ки ин вобаста ба иштироки хонандагон дар ҳаракати олимпӣ нисбат ба соли 2022 1714 нафар (20,8 фоиз) зиёд мебошад.

Натиҷаи ҷамъбасти олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ дар соли 2023 маълум намуд, ки аз шумораи 8244 нафар хонанда 2933 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ (147 медали тилло, 573 медали нуқра ва 2213 медали биринҷӣ) гардиданд, ки ин нишондод

нисбат ба соли 2022 200 ҷойи ифтихорӣ (6,8 фоиз) зиёд буда, дар умум аз ҷиҳати сифатнокӣ 35,6 фоизро ташкил медиҳад.

**НАТИҶАИ ҶАМЪБАСТИ ДАВРИ ҶУМҲУРИЯВИИ ОЛИМПИАДАҲОИ ФАННӢ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-11-И МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРӢ ДАР СОЛИ 2023**

| Р/т | Минтақа | Шумораи иштирокчиён | | | Шумораи ҷойҳои ифтихорӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | МТМУ | Муассисаҳо и типи нав | Ҷамъ | I | II | III | Ҷамъ | Сифат (фоиз) |
| 1. | Шаҳри Душанбе | 865 | 1645 | 2510 | 100 | 309 | 760 | 1169 | 46,6% |
| 2. | Вилояти Суғд | 1077 | 926 | 2003 | 20 | 131 | 605 | 756 | 37,7% |
| 3. | Вилояти Хатлон | 1286 | 1105 | 2391 | 11 | 83 | 575 | 669 | 28,0% |
| 4. | ШНТҶ | 493 | 427 | 920 | 12 | 22 | 189 | 223 | 24,2% |
| 5. | ВМБК | 206 | 214 | 420 | 4 | 28 | 84 | 116 | 27,6% |
| Дар умум | | 3927 | 4317 | 8244 | 147 | 573 | 2213 | 2933 | 35,6% |

Дар нимсолаи якуми соли равон вобаста ба баргузории ҳар кадом аз олимпиадаҳои фаннии умумиҷаҳонӣ ва байналмилалӣ барои муайян намудани дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 даврҳои интихобии олимпиадаҳои байналмилалӣ бо иштироки 750 нафар хонандагони болаёқат гузаронида шуд. Аз ин шумора 156 нафар хонанда ба даври ниҳоӣ роҳхат ёфта, то имрӯз 119 нафари он дар даври ниҳоии олимпиадаҳои байналмилалӣ иштирок намуда сазовори 16 ҷойи ифтихорӣ (медали нуқра 1 ва медали биринҷӣ 15) гардиданд.

Дар маҷмуъ 4809 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ то ба имрӯз дар даврҳои якум ва дуюми 20 олимпиадаҳои байналмилалӣ тариқи ҳузурӣ ва фосилавӣ (онлайн) иштирок намуда, аз ин шумора 710 нафар ба даври ниҳоӣ роҳхат гирифтанд.

*****

Дар давраи ҳисоботӣ дар назди 84 марказҳои таҳсилоти иловагии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 61919 нафар таълимгиранда ба маҳфилҳо фаро гирифта шуданд.

Дар робита бо ин, аз шумораи умумии 3967 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар назди 1998 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 8753 маҳфил аз фанҳои

гуногун бо фарогирии 136,414 нафар хонанда ташкил гардид, ки аз ин миқдор 54773 нафари онҳоро духтарон ташкил намуданд. Дар маҷмӯъ 198333 нафар хонанда ба маҳфилҳо фаро гирифта шуданд.

Мавриди қайд аст, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз тарафи марказҳои таҳсилоти иловагӣ 198 озмун, 48 мусобиқа, 12 олимпиада, зиёда аз 60 семинар машваратҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ бо ҷалби падару модарон ташкил ва гузаронида шуданд.

Дар мавсими тобистони 2023 фаъолияти 1958 истироҳатгоҳҳо, бо фарогирии 178671 нафар наврасон ба нақша гирифта шуда, айни ҳол бомаром идома дорад.




****

Дар заминаи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Муассисаи давлатии «Коллеҷи саноат ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Левакант» ва «Дар бораи Муассисаи давлатии «Коллеҷи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Хуҷанд» тасдиқ карда шуд.

Ҷиҳати таҳияи «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.

Озмуни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар 5 самт (фанҳои гуманитарӣ, фанҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ, тайёрии ҳарбӣ, санъату фарҳанг ва тиббӣ) гузаронида шуд.

Мусобиқаи маҳорати варзишӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 30 майи соли 2023 дар Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда шуд, ки дар он 5 муассисаи равияи варзиш ва ҳарбӣ иштирок намуданд.

Барои баланд бардоштани сатҳи дониши таълимгирандагони зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба роҳ мондани таълим аз рӯйи системаи Дуалӣ солҳои 2018-2020 дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмиллалии Олмон - «Ҷайзет» тибқи барномаҳои пилотӣ ихтисосҳои саноати хӯрокворӣ амалӣ гардиданд.




*****

Дар ин давра бо мақсади мутобиқ намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи замони муосир ва ба танзим даровардани фаъолияти онҳо 17 санади меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва тасдиқ гардида, қисме аз онҳо дар баррасӣ қарор дошта, қисме барои тасдиқ ба ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст. Аз ин 10 санади меъёрӣ таҳия ва тасдиқ гардида, 1-тои он дар

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шуд.

Лоиҳаи 5 санади меъёрӣ бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Лоиҳаи 2 санади меъёрӣ баъд аз баррасӣ дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд. Инчунин, лоиҳаи 2 санади меъёрӣ таҳия гардида, барои мувофиқа ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ирсол карда шуд.

Шумораи хатмкунандагони равия ва ихтисосҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 12 754 нафарро ташкил медиҳанд, ки 4 217 нафари онҳо гурӯҳҳои буҷавиро хатм намуданд.

Тибқи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ ҷиҳати дохил гардидан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар даври якум ва даври дуюм 74601 нафар довталаби дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, бе дарназардошти ғолибони озмуни квотаи президентӣ, ва 14080 нафар хатмкардагони синфи 9-ум аз қайди Маркази миллии тестӣ гузаштаанд. Аз ин 51711 нафар довталаби дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва 7412 нафар хатмкардагони синфи 9-ум ба тақсимот роҳ ёфта сазовори номи донишҷӯ гардиданд.

Дар ҳамин давра, озмуни довталабони квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 61 шаҳру ноҳияи кишвар баргузор гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷамъбасти олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таҳти унвони «Пояи давлат намонад бе маориф устувор…» баргузор карда шуд. Дар олимпиадаи мазкур 437 нафар донишҷӯй аз рӯйи 14 фанни таълимӣ иштирок намуданд.

**НАҚШАИ ҚАБУЛ БАРОИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБӢ ДАР 3 СОЛИ ОХИР**

| Дар соли таҳсили | Ҳамагӣ нақшаи қабул | Барои зинаи таҳсилоти олии касбӣ | Барои зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ |
|---|---|---|---|
| 2021-2022 | 104 066 | 62 564 | 41502 |
| 2022-2023 | 114 407 | 66 668 | 47 739 |
| 2023-2024 | 118 788 | 70 955 | 47 833 |

*****

Бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо омӯзгорони ҷавон моҳи майи соли ҷорӣ бо иштироки намояндагони вазорат ва хадамоти кадрии раёсати маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тақсимоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна, ибтидоӣ ва олии касбӣ гузаронида шуд.

Дар асоси тақсимот ба 4347 нафар хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (3142 нафар дорои маълумоти олии касбӣ, аз ҷумла, 741 нафар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1205 нафар дорои маълумоти миёнаи касбӣ) роххати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба ҷойи кор таъмин гардиданашон, дастрас гардид.

**ҶАДВАЛИ ТАҚСИМОТИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРӢ (РАВИЯИ ОМӮЗГОРӢ) ДАР СОЛИ 2023 ВА БО ҶОЙИ КОР ҲОЗИРШАВИИ ОНҲО БА ҲОЛАТИ МОҲИ АПРЕЛИ СОЛИ 2023**

| № | Сарраёсат, раёсат, шуъба ва бахшҳои маорифи ШНТҶ | Ба ҷойи кор фиристода шуд олии касбӣ | Миёнаи касбӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ВМКБ | 412 | 31 | 443 |
| 2 | Вилояти Хатлон | 1252 | 399 | 1651 |
| 3 | Вилояти Суғд | 770 | 366 | 1136 |
| 4 | Шаҳри Душанбе | 202 | 67 | 269 |
| 5 | ШНТҶ | 506 | 342 | 848 |
| | **Ҳамагӣ: дар ҷумҳурӣ** | **3142** | **1205** | **4347** |

*****

Дар давраи ҳисоботӣ вазорат ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ дар ҷаласаҳои комиссияҳои байниҳукуматӣ дар зиёда аз 13 давлат иштирок намуда, роҳбарияти он дар зиёда аз 30 вохӯриҳо бо сафирони сафоратҳои муқими Тоҷикистон ва намояндагиҳои ташкилотҳои байналмилалии дар ҷумҳурӣ ва берун аз он фаъолиятдошта, ширкат варзид.

Ҳамзамон, 15 марти соли 2023 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Форуми ректорони Тоҷикистону Ӯзбекистон доир гардид, ки дар он ҳайати Ӯзбекистон таҳти роҳбарии вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ӯзбекистон иштирок намуд.

Роҳбарияти вазорат дар Форуми 8-уми солона оид ба илм, технология ва фанноварӣ, ки рӯзҳои 3-4 майи соли 2023 дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню–Йорк баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуда, дастовардҳои соҳаи маориф ва илми кишварро муаррифӣ намуданд.

Чорабинии дигари сатҳи байналмилалӣ ин иштироки роҳбарияти вазорат дар ҷаласаи Шурои директорони ташкилоти Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф (GPE ҶПИ) рӯзҳои 7–8 июни соли 2023 мебошад, ки ҳамкорӣ бо ташкилоти мазкур имкон фароҳам меорад, ки сармоягузорӣ ва грантҳои хориҷӣ ба соҳаи

маориф ва илми кишвар зиёд гардида, дар ислоҳоти соҳаи маориф ва илми кишвар заминаи муфидро ба вуҷуд орад.

Дар давраи ҳисоботӣ як қатор санадҳои нав ба имзо расонида шуда, як қатор лоиҳаҳои нави санадҳои ҳамкорӣ барои баррасии вазорату идораҳо пешниҳод шуданд. Аз ҷумла, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсия Россия оид ба эътирофи мутақобилаи унвон ва дараҷаҳои илмӣ, лоиҳаи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи шартҳои фаъолияти мактаби миёнаи таҳсилоти умумии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди хайриявӣ ва башардӯстонаи Зойид бин Султон ал-Наҳён оид ба амалӣ намудани лоиҳаи сохтмони 5 мактаб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин давра 214 нафар довталаб дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ҳуҷҷатҳои худро барои иштирок дар озмуни Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дурахшандагон” пешниҳод намуданд. Дар натиҷаи даври якуми қабули имтиҳон 46 нафар ғолибони озмуни Стипендияи “Дурахшандагон” дар зинаҳои гуногуни таҳсилот дар соли таҳсили 2023-2024 қабул гардиданд.

Дар асоси созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи маориф кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Ӯзбекистон, Белорус, Украина, Сербия, Венгрия, Корея, Руминия, Австрия, Малайзия, Шоҳигарии Қувейт, Тайланд ва Подшоҳии Марокаш барои таҳсили шаҳрвандони ҷумҳурӣ квотаҳои таҳсилӣ дар соли 2023 пешниҳод намудаанд.




*****

Дар давраи сипаришуда Вазорати маориф ва илм вобаста ба баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» дар соли 2023 дар ҳамкорӣ бо АМИТ чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд.

Натиҷаи ҷамъбасти даври якуми озмун нишон дод, ки дар озмун ҳамагӣ 163 892 нафар иштирок намуда, аз ин шумора 30 918 нафар ба даври дуюми озмун роҳхат гирифтанд.

Ҳамчунин, даври якуми озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» - ойинаи таърихи миллат» моҳи феврал дар муассисаҳои таълимӣ ва ташкилоту муассисаҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот доир шуд. Дар даври якум 140 787 нафар иштирок намуд, ки аз ин шумора 19 735 нафар ба даври дуюми озмун роҳхат гирифт. Даври дуюми озмун моҳи июн дар маркази шаҳр ва ноҳияҳо баргузор гардид.

Айни замон тибқи ҳисоботи оморӣ дар ҷумҳурӣ 5340 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 865 (16,2%) нафар доктори илм (аз ин 131 нафар занон (15,14% )), 4370 нафар номзади илм ва 105 нафар доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд.

Дар ҷумҳурӣ аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 74 шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, ки аз рӯи 180 ихтисосҳои анъанавӣ ва 180

ихтисосҳои доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос диссертатсияҳоро ба ҳимоя қабул менамоянд. Дар шашмоҳаи соли 2023 ба Комиссия 470 диссертатсия ворид гардида, аз ин шумора ҳимояи 255 диссертатсия тасдиқ гардидааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2023 дар ҷумҳурӣ 17 шуроҳои дессертатсионӣ, ки дар назди Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба қайд гирифта шудаанд, фаъолият менамоянд. Дар шуроҳои мазкур дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ 45 нафар, аз ҷумла 5 нафар рисолаи докторӣ ва 40 нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя кардаанд.




*****

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони илмӣ-таҳқиқотии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 63 номгӯй маводи чопӣ таҳия ва ба табъ расонида, 3 конференсияи илмӣ-амалӣ, 2 мизи мудаввар, 3 семинари омӯзишӣ ташкил ва баргузор намуданд.

*****

Дар ин давра олимону мутахассисони Пажуҳишгоҳи рушди маориф дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 11 дастури методӣ, 54 мақолаи илмӣ, 15 мақолаи оммавӣ нашр карданд.

Инчунин, вобаста ба масъалаҳои муҳимми соҳа ва аз натиҷаи таҳқиқотҳои педагогӣ 17 конференсияи илмӣ-амалӣ, 20 семинари

илмӣ-методӣ ва 3 мизи мудаввар баргузор намуда, дар 14 конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштироку маъруза карданд.

*****

Дар давраи ҳисоботӣ бори аввал 13 курси такмили ихтисос тариқи фосилавӣ баргузор гардид, ки дар онҳо 268 нафар омӯзгорони фаннӣ ва кадрҳои роҳбарикунандаи соҳаи маориф фаро гирифта шуданд.

Дар ин давра дар донишкадаву филиалҳо 580 курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ бо фарогирии 13280 нафар ва 106 семинари махсус бо иштироки 2786 нафар гузаронида шуд. Дар маҷмуъ, дар нимсолаи якуми соли 2023 дар курсҳои нақшавию ғайринақшавӣ, омӯзишӣ ва семинарҳои махсус 22929 нафар такмили тахассус намуда, маҳорату малака ва дониши касбии худро сайқал додаанд.

Дар ин муддат дар маҷмӯъ, аз ҷониби ҳайати омӯзгорону кормандони донишкада ва филиалҳо 8 китоб, 151 мақолаҳои илмӣ-методӣ ва оммавӣ, 29 дастур ва модулҳои таълимӣ таҳия шуда, 17 конференсия, 45 мизи мудаввар ва чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор карда шудааст.

**Теъдоди корҳои илмӣ-методӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 дар Донишкада ва филиалҳои он**

| № | Муассиса | Манаграфия ва китобҳо | Мақола-ҳои илмӣ - методӣ | Нашри мақолаҳои оммавӣ | Конференсияҳо | Мизҳои мудаввар ва ҳамоишҳои илмӣ | Тақриз ва хулосаҳо ба дастуру китоб, модул, барномаҳо | Дастур ва модулҳои таълимӣ | Баромад дар ВАО |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ДЧТИБКСМ | 5 | 65 | 21 | 2 | 15 | 86 | 15 | 30 |
| 2. | Филиали Донишкада дар ш. Хуҷанд | 1 | 11 | 13 | 7 | 16 | 8 | 7 | 2 |
| 3. | Филиали Донишкада дар ш. Бохтар | - | - | 3 | 2 | 5 | 4 | 2 | 5 |
| 4. | Филиали Донишкада дар ш. Кӯлоб | 2 | 3 | 5 | 2 | 3 | 19 | 4 | 3 |
| 5. | Филиали Донишкада дар ш. Хоруғ | - | 10 | 7 | 3 | 3 | 26 | 1 | 3 |
| 6. | Филиали Донишкада дар ш. Душанбе | - | 8 | 5 | 1 | 3 | 1 | - | - |
| | Ҳамагӣ | 8 | 97 | 54 | 17 | 45 | 144 | 29 | 43 |

*****

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ 12 кабинети методии шуъбаҳои маориф, 39 муассисаи таълимии томактабӣ ва 27 Маркази инкишофи кӯдакро мавриди омӯзиш ва расонидани кӯмаки методӣ қарор дода, ба зиёда аз 90 нафар мудир, сармураббия, мураббия ва омӯзгор -мураббиён дар самти коргузорӣ ва ҳуҷҷатдорӣ, амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”, “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2025”, фарогирии кӯдакони синни томактабӣ, фаъолияти кабинети методӣ, ёрӣ ба мутахассисони ҷавон, омӯзиши таҷрибаи пешқадами мураббиён, мазмун ва мундариҷаи кор кумаки методӣ расонид.

Дар самти таҳсилоти умумӣ “Дастурамали аз синф ба синф гузаронидан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Тартиб ва шакли аттестатсияи хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024 ва солҳои минбаъда” таҳия гардид. Бори аввал нақшаи таълимии мазкур дар шакли маҷмӯӣ таҳия гардида, низоми ягонаи истифодаи соатҳои таълимиро дар тамоми намуди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба танзим медарорад.




*****

Дар ин давра даври ҷумҳуриявии озмуни «Барномасози ҷавон» дар ҳамкорӣ бо ҶСП «Индиго Тоҷикистон» баргузор гардид.

Аз ҷониби мушовирони Маркази технологияи иттилоотиву комуникатсионӣ платформаи «Фотеҳҷон» таҳия гардидааст, ки айни замон дар платформаи мазкур 3000 савол ва ҷавобҳо аз соҳаҳои мухталиф ворид карда шудааст.

Дар ин давра оид ба харитакунонии муассисаҳои таълимӣ дар Марказ зиёда аз 130 кормандони марказ ва бахшҳои технологиия информатсионӣ ва коммуникатсияи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки мушовирони миллӣ оид ба асосҳои истифодаи платформаи ва барномаи мобилӣ семинар ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд. Дар нимсолаи якуми соли 2023 харитакунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба анҷом расонида шуд.




*****

Дар нимсолаи якуми соли 2023 ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 180 дастхати адабиёти таълимӣ ва методӣ ворид шуд. Ба Шурои миллии таҳсилот барои баррасӣ баъд аз таҳлилу ташхис 178 дастхат адабиёти таълимӣ ва бадеӣ пешниҳод гардид. Дар ин давра ба ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 86 номгӯйи адабиёти таълимӣ барои баррасӣ пешниҳод шуд.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 77 номгӯйи китоби дарсӣ бо теъдоди умумии 3 млн 792 ҳазор нусха барои муассисаҳои таҳсилоти

умумӣ баъд аз экспертиза ва таҳриру тасҳеҳи имлоиву адабӣ ва техникӣ ба озмуни чоп пешниҳод гардид.

Бо мақсади иҷрои қарори ҷаласаи машваратии назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.01.2023 аз ҷониби Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ дар баробари «Нақшаи чопи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли 2023», инчунин 38 номгуй китоби дарсӣ аз руйи эҳтиёҷоти шуъбаҳои маориф иловатан ба Нақшаи мазкур ворид гардид.

Дар нимсолаи якуми соли 2023 ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои мамлакат 89 номгӯй китоби дарсӣ ба миқдори 3 млн 475 ҳазору 750 нусха таъмин карда шуд, ки ин 51 фоизи дархостро ташкил мекунад.

Айни ҳол дар ширкатҳои ватанӣ 82 номгуй китобҳои дарсӣ ба миқдори 3 млн 167 ҳазор дар рафти чоп қарор доранд, ки то оғози соли таҳсил ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ирсол карда мешавад.

**ТАЪМИНОТИ КИТОБҲОИ ДАРСӢ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023**

| № | Номгӯй | Нимсолаи якуми соли 2022 | Нимсолаи якуми соли 2023 | Фарқ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кам | Зиёд |
| 1 | Номгӯйи китоби дарсӣ | 165 | 130 | 35 | |
| 2 | Миқдори китоби дарсӣ | 2 484 092 | 3 609 511 | | 1 125 419 |

*****

Дар шаш моҳи соли 2023 тамоми чорабиниҳои дастгоҳи марказии вазорат тавассути расонаҳои давлативу хориҷӣ инъикос шуда, ҳамзамон, бо иштироки кормандон 43 гузоришу барномаи радиоӣ ва 96 гузоришу барномаи телевизионӣ вобаста ба масъалаҳои соҳаи маориф ва илм таҳия ва пешниҳоди аҳолӣ гардонида шудааст.

Инчунин, дар ин давра ба 14 мавод вокуниш омода ва ба идораи нашрияҳо ирсол гардида, нусхаи вокунишҳо дар сомонаи расмии вазорат низ ҷой дода шуданд.

Фаъолоияти сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.maorif.tj дар давраи ҳисоботӣ ҷоннок гардида, 210 мавод бо забони тоҷикӣ, 19 мавод бо забони русӣ ва 18 мавод бо забони англисӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни соҳаи маориф нашр шуд.

Дар ин давра нашрияҳои соҳавии вазорат- нашрияи «Омӯзгор», нашрия барои кӯдакон ва наврасон – «Пайрав», маҷаллаҳои «Маърифати омӯзгор», «Маорифи Тоҷикистон» ва «Русский язык и литература в школах Таджикистана» низ фаъолияти хуб намуда, дар доираи дастуру супоришҳои ба зиммадошта як қатор корҳоро ба сомон расониданд.




*****

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ дод, ки дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои соҳавии худро саривақт ва бо сифати баланд иҷро намоянд.

# БАРОИ ҚАЙДҲО